Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-02 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошырати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D.050307 – Психологияи педагогӣ)**

Татқиқоти илмии Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошырати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим». Дар шароити рушди босуръати равандҳои таълимӣ, масъалаи инкишофи муошырати хонандагони синни хурди мактабӣ аҳамияти афзоянда пайдо мекунад. Муошырат на танҳо василаи интиқоли донишҳо, балки заминаи ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ва рушди шахсият мебошад. Дар ин замина, истифодаи усулҳои психологӣ-педагогӣ нақши калидӣ мебозад.

Дар раванди ташаккули фазои ягонаи дунявӣ таҳсилоти муосир бояд, на танҳо дар эътирофи арзишҳои хонанда, бахусус хонандаи синни хурди мактабӣ, инчунин дар ташкили шароитҳои зарурӣ барои инкишофи маҳорату малака ва қобилияти муошырати ӯ низ мавқеи намоён дошта бошад. Инкишофи қобилиятҳои муошыратӣ тадриҷан, ба ташаккули ҳисси эътибор, шаъну шараф, комилият ва ягонагиву нотакрории шахс, аз ҷумла хонандаи хурдсол мусоидат мекунад.

Рисолаи илмии мазкур дар доираи нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи психологияи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С.Айнӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, мазмун ва мундариҷаи он бо барномаҳои таълимии ихтисосҳои психологӣ ва педагогӣ робитаи зич дорад. Мақсад ва вазифаҳои рисолаи мазкур дар самти татбиқи усулҳои муосири таълим ва тарбияи хонандагони синни хурди мактабӣ, ки иҷрои онҳо дар Барномаҳои давлатӣ таъкид ёфтааст, мусоидат мекунад. Мазмун ва мундариҷаи рисола дар амалӣ намудани талаботи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2016), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълим ва тарбияи кӯдак» (2024) саҳм дорад.

Дар диссертатсия муаллиф оид ба масъалаҳои таъсири шароитҳои психологӣ-педагогӣ барои инкишофи муоширати хонандагон бисёр муҳим аст, зеро муоширати босамар дар кӯдаки синни хурд заминаи ташаккули қобилиятҳои иҷтимоӣ, фикрӣ ва ахлоқии онҳоро мегузорад.

Аз ин лиҳоз масъалаҳои асосҳои назариявӣ ва методологии дар заминаи омӯхтану таҳлил намудани таҳқиқоти илмии психологӣ-педагогӣ муайян карда шаванд; моҳият ва мундариҷаи хусусиятҳои психологӣ-педагогии муоширати хонандагони синни худи мактабӣ дар раванди таълим ошкор гарданд; заминаҳои илмӣ ва амалии хусусиятҳои инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ асоснок ва баррасӣ карда шаванд; имкониятҳои маҷмуи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим муайян карда мешавад.

*Дар ибтидои диссертатсия* мубрамии мавзуъ, дараҷаи коркарди масъала таҳлил гардида, объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот муайян шуда, тавсифи асосҳои назариявию методологӣ, шарҳу тавзеҳи арзиши илмиву амалии кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ ва муҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда, арзёбӣ шудаанд.

Бо воситаи боби якум *«Асосҳои назариявии хусусиятҳои муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ»* паҳлуҳои назариявии масъалаи

таҳқиқшаванда мавриди омӯзиш қарор гирифта, адабиётҳои ба мавзӯи тадқиқотӣ алоқаманд таҳлил карда шудаанд.

Дар фасли якум *«Муоширaт масъалаи муҳимми таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ»* оварда шудааст, ки масъалаҳои марбут ба омӯзиши механизмҳо ва хусусиятҳои муошират педагогӣ объекти таваҷҷуҳи бисёре аз муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ гардидаанд. Таваҷҷуҳи онҳо ба чунин ҷанбаҳо, аз қабили воситаҳои муошират шифоҳӣ ва ғайривербалӣ, монеаҳои равонӣ ва бартараф кардани онҳо, таъсири салоҳияти коммуникатсионии омӯзгор ба натиҷаҳои таълим, инчунин нақши муносибатҳои байнишахсӣ дар муҳити таълим нигаронида шудааст. Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мушкилоти муоширати маҷозӣ (виртуалӣ) ва таъсири он ба раванди таълиму тарбия низ мубрамтар мегардад.

Фасли дуюм *«Хусусиятҳои инкишофи психологӣ-педагогии хонандагони синни хурди мактабӣ»* номгузорӣ шудааст, ки таҳлилҳои психологӣ муқаррар гардидааст, ки инкишофи психикӣ набояд бо инкишофи организм омехта гардад, зеро инкишофи биологии организм тамомшаванда бошад ҳам, вале инкишофи психикӣ беохир ва бемаҳдуд аст. Инкишофи психикӣ бо роҳи тафриқа (интегратсия) ба амал меояд: тақсимоти функсияҳои алоҳидаи психика бо якҷоянамоии онҳо дар шакли нав зоҳир мeёбад, тафриқаи функсияҳо боиси пайдоиши амалҳои гуногун ба мисли идрок, диққат, хотира, тафаккур ва эҷодиёт мегарданд.

Тавре дар фасли сеюм *«Омилҳои назариявии психологияи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таълим»* таъкид гардидааст, ки масъалаҳои тайёрии умумии бача ба мактаб бештар бо мафҳуми инкишофи умумии ҷисмонии вай алоқаманд буда, дар оила ва муассисаҳои томактабӣ заминагузорӣ ва инкишоф дода мешаванд. Аз ҷумла, ҳосил намудани малакаҳои гигиенӣ ва рафтори бофарҳангона низ лаҳзаи муҳимми ба мактаб омода намудани кӯдак аст.

Тайёрии психологӣ қисми асосии тайёрии кӯдак ба мактаб буда, он самтҳои гуногуни раванди омода гардонидани кӯдак ба мактабро дар бар мегирад.

Тайёрии ҳиссию иродавӣ ҷиҳати дигари омодагии психологии бача ба мактаб мебошад, ки дар маҳорати идора карда тавонистан ва ба талаботи фаъолияти таълимӣ мутобиқ сохтани рафтору хоҳиши худ ба дараҷаи ихтиёрӣ будани равандҳои психикӣ ифода меёбад.

Боби дуюми таҳқиқот *«Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»* низ аз ду зербоб иборат буда, мавзуи тақиқотӣ аз нигоҳи эксперименталӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, таҳқиқ шудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм, масъалаи *«Озмоиши истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»* таҳлил карда шудааст, ки масъалаҳои марбут ба ин бахш ба таҳқиқоти таҷрибавии истифодаи шароити психологӣ-педагогӣ дар раванди таълимӣ нигаронида шуда, ки ба рушди маҳоратҳои коммуникатсионии хонандагони синни хурди мактабӣ нигаронида шудааст. Барои гузаронидани ташхис методикаҳои ба ҳамин синну сол мутобиқшуда интихоб карда шудааст: методикаи "Кӣ ҳақ аст?" барои муайян намудани фаъолияти муташаккил ва ба эътибор гирифтани мавқеи ҳамсуҳбат; методикаи "Дастпӯшакҳо" барои ба роҳ мондани муоширати байниҳамдигарӣ дар хонандагон; методикаи "Роҳ ба сӯи хона" барои муайян намудани малакаҳои қабул ва таҳлили иттилоот. Ҳадафи асосии таҳқиқот таҳлили самаранокии шароити пешниҳодшуда ва таъсири онҳо ба рушди маҳорати муошırати хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад. Дар доираи таҷриба усулҳо ва равишҳои гуногун баррасӣ шуданд, ки ба ҳавасмандсозии фаъолиятҳои шифоҳӣ ва ташаккули муносибатҳои байнифардӣ миёни кӯдакони синни хурди мактабӣ равона шудаанд.

Зербоби дуюми боби дуюм масъалаҳои *«Тавсияҳо оид ба истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муоширати*

*хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»* номгузорӣ шудааст, ки аз омилҳои асосии таълиму тарбияи фарзандон ин ҷалби волидон ба ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб мебошад. Оила аввалин муҳити иҷтимоие мебошад, ки бача дар он ба воя мерасад, таълиму тарбия мегирад, минбаъд дар боғча ва мактаб ташаккули минбаъдаи ӯ давом мекунад. Дар ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб робитаи байни волидон-омӯзгор-хонанда басо муҳим аст, зеро ин робитаи мушкилиҳои муносибатро танзим менамояд. Таълим дар мактаб натанҳо гирифтани дониш, инчунин ташаккул додани шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта мебошад. Муваффақияти раванди таълим аз он иборат аст, ки чӣ тавр муносибатҳо дар байни омӯзгор-волидон-хонанда ба роҳ монда мешаванд.

Барои омӯзиши муносибатҳои байни хонанда-омӯзгор-волидон бо волидони озмудашавандагон пурсишнома гузаронида шуд. Пурсишнома аз 20 савол иборат аст. 6 саволи аввал марбут ба таваҷҷуҳи волидон ба инкишофи фарзандони худ ва мазмуни таълим. Саволҳои дигар оид ба ҳавасмандгардонии хонанда ба ҷараёни таълим, доир ба реҷаи рӯзи хонандагон ва огоҳии волидон аз он, то кадом дараҷа фарзандон бо волидони худ аз рӯзи гузарондаи худ суҳбат мекунанд, роҷеъ ба хоҳиши ба мактаб рафтан, фанҳое, ки бо осонӣ ва душворӣ аз худ карда мешаванд. Инчунин, тавсияҳои волидон дар бобати беҳтар гардидани ҷараёни таълиму тарбия дар мактаб бо итифодаи пурсишномаҳо пешниҳод гардид.

*Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот* аз он иборат аст, ки шароитҳои психологӣ-педагогии пешниҳодшуда, воситаҳои инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таълим, маводи ташхисии таҳияшуда ва тавсияҳои методиро омӯзгорон дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаи таҳсилоти мактабӣ истифода бурда метавонанд.

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси амалӣ.* Мазмуни кори диссертатсионӣ ба мазмуни шиносномаи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ) мувофиқат мекунад.

*Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот* аз муайян кардани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва масъалаҳои таҳқиқот ва матраҳ сохтани масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлилу баррасии иттилооти бадастовардашуда, иборат аст. Таҳлили назариявию методологӣ, таҳқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи гузошташуда, коркарди пешниҳод ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро тартиб медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллифи рисола маҳсуб меёбанд.

Аз ин лиҳод дар баробари муваффақиятҳо дар рисола норасоиҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Хуб мешуд, ки унвонҷу ҳадафи таҳқиқотро бояд бо равшанӣ ва мушаххасият муайян мекард зеро зарур аст, ки дар мавриди ҳадафи таҳқиқот таъкид шавад, ки чӣ гуна усулҳои инкишофи малакаҳои муошírати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим ба ташаккули муносибатҳои байнишахсии наврасон таъсир расонад.

2. Бояд тавозуни байни назария ва таҷрибаи амалии таҳқиқот дар автореферат ва диссертатсия таъмин нагардидааст. Хуб мешуд қисматҳои назариявӣ баъзан аз таҳлили маводҳои амалии муосир мустаҳкам мешудаанд.

3. Мушкилот дар таълим: дар баъзе МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити равонӣ ба талабот ҷавобгӯ нест, яъне омӯзгорон ба рушди муносибатҳои шахсӣ дар синф камтар таваҷҷӯҳ медиҳанд, маҳз ҳамин нукта дар диссертатсия таҳлилу баррасӣ ва пешниҳод мегардид, ба фоидаи кор мешуд.

4. Ба масъалаи талаботи таҳкими малакаҳои муошират дар рисолаи мазкур камтар таваҷҷуҳ дода шудааст, аз ҷумла омӯзиши маҳоратҳои муошират барои омӯзгорони МТМУ дар доираи барномаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. Дар матни рисола баъзе хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникии ҷузъӣ ваислоҳшаванда ба назар мерасанд.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ

ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад.

Таҳқиқоти мавзуъ дар самти истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ аҳамияти бузург дорад. Ташкили муҳити мусоиди равонӣ, усулҳои таълимии интерактивӣ ва тавзеҳи муносибатҳо дар синф метавонанд ба беҳбуди раванди таълим мусоидат намояд. Аммо барои амалӣ гардонидани ин мақсадҳо бояд ба бартараф кардани монеаҳои ҷойдошта таваҷҷӯҳ дода шавад. Аз ин лиҳоз натиҷаҳои кори илмии таҳқиқотии Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D.050307 – Психологияи педагогӣ) пурра мувофиқ буда, бо назардошти хусусиятҳои соҳавии илмҳои педагогика ва психология бо таҳлили назариявӣ ва амалӣ бахшида шудааст.

Натиҷаҳои илмии тадқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи психологӣ-педагогии инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим саҳми босазо гузошта метавонанд.

Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуаллифон, танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст.

Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои тадқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, кори илмии Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дар мавзуи «Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба

тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки унвонҷӯ Маҷидов Парвизҷон Имомназарович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D.050307 – Психологияи педагогӣ), сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои психологӣ, дотсенти
кафедраи психологияи факултети фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Н.Қ. Амонов

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак,
Шаҳраки донишҷӯён, бинои 15;
Телефон: (+992) 93-502-73-27.

*Имзои Амонов Нодир Қодировичро тасдиқ мекунам:*
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.

10.02.2025